# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Дар заминаи рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони забондон, алалхусус донандагони забонҳои хориҷӣ (англисӣ) беш аз пеш меафзояд. Бинобар ин андешидани чораҳои муҳиму самарабахш бо мақсади рушду такмили минбаъдаи раванди таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ айни муддаъост. Андешидани чораҳои мақсадноку муҳим метавонанд доираи имконоти истифодаи амалии забони англисиро ҳамчун воситаи муошират васеъ намояд. Таҳияи методҳои муосири таълим, такмил додани маводи таълимӣ ва ба низоми муайян даровардани технологияҳои иттилоотии таълимӣ, аз ҷумла маводу воситаҳои мултимедӣ аз устодони мактабҳои олӣ боз ҳам масъулияту касбият ва эҷодкории бештарро талаб мекунад.

Диссертатсияи барои такриз пешниҳодшудаи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрам дар самти тайёр кардани мутахассисони ояндаи донандаи забони англисӣ бахшида шудааст. Дар ҳақиқат барои мутахассисони соҳаи иқтисод донистани забони англисӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Фаъолияти ҳамарӯзаи эшон онҳоро бо муносибатҳои байналмилалӣ мепайвандад.

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот дар он аст, ки мақоми забони англисӣ ва таълиму омӯзиши он ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеаи Тоҷикистон ба назар мерасад. Донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баъд аз хатми муассисаи таълимӣ ба фаъолияти касбӣ бояд

ҳамчун мутахассиси касбӣ, донандаи забонҳои хориҷӣ, дорои фарҳангу маданияти баланди инсонӣ бо ҷаҳонбинии васеъ ворид гардад. Шогирдони имрӯзаро тавре бояд таълиму тарбия намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ фаъолияти касбии худро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда тавонад. Аз ин рӯ, тамоми шароитро барои таълими забони англисӣ бунёд карда, донишҷӯёнро ба мустақилият ва худомӯзӣ дар азхудкунии забонҳои хориҷӣ роҳандозӣ намоем.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти масъала ва то ҳол таҳқиқи амиқу дақиқ нагардидани мавзуи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ оғоз намуда, таъкид мекунад, ки масъалаи мавриди таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиш дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан камтар омӯхта шудааст.

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» унвон дошта, аз муқаддима, ду боб, хулосаи зербобҳо, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи кор сухан атрофи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Боби якуми диссертатсия тахти унвони **«Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ»** ба масъалаҳои махсусият ва проблемаҳои таълими забони англисӣ, мафҳуми салоҳиятмандии касбӣ ва шарҳу таснифи он, мавқеи истилоҳоти касбии иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ, таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ, принсипҳои дидактикӣ ва таҷрибаи таълими истилоҳоти иқтисодӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ бахшида шудааст. Ҷанбаҳои методию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён, омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ ва лексикаи тахассусӣ дар раванди

омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонии мактабҳои олии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Зербоби якум "*Таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар самти таълими истилоҳоти иқтисодӣ*" унвон гирифта, масъалаҳои таълими истилоҳоти касбии забонҳои хориҷӣ дар таҳқиқу таълифоти муҳаққиқону методистони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор зикр мегардад, ки дар баробари олимони хориҷӣ, муҳаққиқони ватанӣ низ масъалаи мавриди таҳқиқро пайгирӣ намуда, асарҳои илмӣ ва таълимӣ таълиф кардаанд.

Дар зербоби дуюм "*Мавқеи истилоҳоти касбии иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ*" масъалаи малакаҳои муоширатӣ, шавқмандсозии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ, мавқеи истилоҳоти касбӣ дар таълими забони англисӣ барои омода кардани мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисод мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби сеюми кор ба масъалаи таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ, хусусият ва омилҳое, ки ҳангоми интихобу истифода ва таълими онҳо ба инобат гирифтан зарур мебошад, бахшида шудааст. Муаллиф бар он ақида аст, ки ҳангоми истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ, самаранокии ҷараёни таълим аз ғанигардонии захираи луғавии донишҷӯён, донистани истилоҳоти иқтисодӣ вобастагии калон дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ»** паҳлуҳои натиҷабахши татбиқи технологияҳои муосири таълим дар омӯзиши забони англисӣ, махсусан ҳангоми таълими истилоҳоти иқтисодӣ таҳқиқ ва натиҷагирӣ шудааст.

Дар зербоби якуми ин қисмати кор масъалаи интихоби маводҳои таълимӣ, роҳу усулҳои истифодаи самараноки онҳо ҳангоми таълими забони англисӣ, азхудкунии истилоҳоти иқтисодӣ ва рушди салоҳиятҳои касбӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирад.

Дар назди омӯзгорони забони англисӣ масъулияти ташаккули шахсияту касбияти донишҷӯён ва ҳавасманд кардани онҳо ба забономӯзӣ ва азхуд кардани

илмҳои муосир меистад. Ҷалби таваҷҷуҳи шогирдон ба таълим, бедор сохтани шавқу рағбат ва маърифатии донишҷӯён мувофиқи мақсад аст. Бо ин мақсад, омӯзгорро зарур аст, ки ба ташаккули малакаҳо ва як қатор салоҳиятҳо тавассути истифодаи методҳои муосир мусоидат намояд. Дар ин ҷода назари муҳаққиқони варзида бар он аст, ки нисбат ба ташкили анъанавии дарсҳо, истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ, методҳои фаъоли таълим, маҷмӯи машқҳои махсуси таълимӣ ва амсоли инҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар зербоби дуюм принсипҳои таълимие, ки ҳангоми тадриси истилоҳоти касбии донишҷӯён дар рафти омӯзиши забони англисӣ бояд истифода шаванд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ин қисмат диссертант вобаста ба принсипҳои таълим маълумот дода, таъкид кардааст, ки аз шумораи умумии принсипҳои умумидидактикӣ ва методӣ мебояд афзалият ба принсипҳои рушддиҳандаи салоҳияти забонии донишҷӯён равона карда шавад. Азхудкунии ҳамаҷонибаи забони англисӣ, муошırати касбӣ бо забони англисӣ, рушди чор рукни фаъолияти муоширатӣ метавонанд дар ҳамин замина вусъат ёбанд.

Зербоби сеюми ин қисмати кор ба таҳқиқу баррасии вазифаи дигари амалии ин таҳқиқот – масъалаи таснифоти маҷмӯи машқҳо, интихоб ва истифодаи онҳо ҳангоми таълими истилоҳоти хориҷии иқтисодӣ бахшида шудааст.

Дар ин қисмат, таснифи мафҳуми «машқ», намудҳои он, интихоб ва роҳҳои истифодаи машқҳо дар таълими истилоҳоти иқтисодӣ ҳангоми тадриси забони англисӣ, афзалияту бартарияти як навъи машқ нисбат ба дигар навъи он, мушкилот ва нарасоиҳои омӯзонидани истилоҳоти иқтисодӣ бо забони англисӣ дар заминаи машқҳои махсус интихобшуда ва дигар масъалаҳои атрофи ҳамин қисмат баррасӣ мегардад.

Зербоби чоруми боби мазкур ба натиҷагирӣ ва хулосаи озмоишҳои таҷрибавӣ бахшида шуда, аз ҷониби муаллиф таҳқиқот дар чанд марҳила гузаронида шудаст.

Натиҷаҳои мусбат ва назаррас дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ фарзияи қаблан пешниҳодшудаи таҳқиқотро исбот карда, шаҳодат медиҳанд. Натиҷаи ниҳоии

омӯзиши таҷрибавӣ нишон доданд, ки қобилияти муошират бо забони англисӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххас ба охир расида, мушкилоти дар кор матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумии кор бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст карда, натиҷаҳои асосии кор, хулоса ва тавсияҳои истифодаи амалии кор пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» дар асоси талаботу меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ омода гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ мураттаб гардонида шудааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия пурра мӯҳтавои диссартатсияро инъикос менамояд. Натиҷаи диссартатсияи мазкур барои хондани курсҳои «Таълими лексикаи махсус», «Таълими истилоҳоти касбӣ», «Забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодӣ» ва «Методикаи таълими забони англисӣ» метавонад мусоид бошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссартатсия ва автореферат аз ғалату камбудиҳо ва норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муаллиф дар қисмати назариявии диссертатсия мушоҳидаҳои худро бо фикру ақида ва хулосаҳои дигар муҳаққиқон кам муқоиса кардааст.

2. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баробари ворид кардани иқтибосоти зиёд назари танқидии худро дар масъалаи мавриди таҳқиқ бештар баён менамуд.

3. Дар тадқиқот диссертант мафҳуми “салоҳияти касбиро” инъикос намудааст, аммо шарҳу тавсифи он аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик оварда нашудааст.

4. Диссертатсия дорои баъзе ғалатҳои имлоӣ ва мантиқӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои дар боло закршуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Хулосаи мухтасари кор бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти таҳқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида мебошад. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шамсова Бибихосият Қудратовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

**Муқаррizi расмӣ:**
н.и.п., ассистенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ — Султонова Сурайё Абдурашидовна

Имзои С.А. Султоноваро тасдиқ мекунам,
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — Шарипова Д.А.

**Суроға:**
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10.
Тел.: (+992 372) 21 35 11.
Сомона: https://web.ttu.tj/tj
E-mail: ttu@ttu.tj